АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
ба номи А. БАҲОВАДДИНОВ

Бо ҳуқуқи дастнавис

Анварзода Сунатулло Анвар

ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САТҲИ МАҲАЛ

Ихтисос: 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияи сиёсӣ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ

Душанбе – 2018

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз,**
узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризон: **Диноршоҳ Азиз Мусо,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Каримзода Карим Мазиё,
номзади илмҳои сиёсӣ, муовини раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташкилоти пешбар **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Ҳимояи диссертатсия «25» декабри соли 2018 соати 13^{00} дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (хиёбони Рӯдакӣ, 33, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____ » _____ соли 2018 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Р. Ҷ.

ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду даҳсолаи охир як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба мисли Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ», Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ғ. қабул ва тасдиқ карда шуданд, ки онҳо барои ташаккул ва такомули минбаъдаи сиёсати идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Равандҳои ислоҳоти идораи давлатӣ ба танзими идораи давлатӣ, мукаммалгардонии вазифаҳо, такмили сохтори вазоратҳо вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ, аз байн бурдани вазифаҳои такроршаванда, шаффофияту самаранокии фаъолияти сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ равона гардид[1].

Ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар сатҳи маҳал ҳамоҳангсозии равандҳо ва падидаҳои комилан навро ба мисли худидоракунӣ, худфаъолиятии ҷамъиятӣ, шакли нави ҳамкориҳо, раванди муносибатҳои ҷаҳонишавӣ ва ғ. тақозо намуд. Дар низоми идоракунии маҳаллӣ муносибатҳои нави сиёсӣ ба миён омаданд, ки дар он аҳолӣ ҳуқуқҳои худро дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ амалӣ менамояд. Вобаста ба ин, мақоми марказии ҳокимияти иҷроия - Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он сиёсати давлатиро дар самти идоракунии рушди маҳал, ҳамоҳангсозии масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳал, мушаххасгардонии вазифаю ваколатҳои байни мақомоти марказию маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои маҷмӯи рушди иҷтимоию иқтисодии воҳидҳои маъмурию ҳудудиро татбиқ менамояд[2]. Бо назардошти мавриди

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/199 (санаи мурочиат: 23.03.2018).

[2] Низомномаи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2015, №491 тасдиқ карда шудааст [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://ldc.tj/page/apps (санаи мурочиат: 24.03.2018).

амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоқаманд ба ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ, такмили сохтори идоракунӣ ва ворид гардидани падидаҳои нави ҷомеаи шаҳрвандӣ ба низоми идоракунии маҳаллӣ таҳлили хусусиятҳои раванди ташаккулёбии сиёсати маҳаллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ. Тибқи таҳқиқоти анҷомгардида масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал таърихи басо куҳан дошта, он аз умқи қарнҳо сарчашма мегирад. Дар асрҳои миёна сиёсати маҳаллӣ то андозае дар осори мутафаккирони бузурги Шарқ, ба мисли Абӯбакри Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад Ғазолӣ, Атомалики Ҷувайнӣ, Ибни Халдун, Низомулмулк, Унсурулмаолии Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон инъикоси худро ёфтааст.

Мутафаккирони мазкур сиёсати давлатиро дар шахсияти шоҳ ва адлу хирад мавриди омӯзиш қарор дода буданд. Чунончи, А.Форобӣ дар «Ас-сиёсат-ал-мадания» ва «Мадинаи фозила», Ибни Халдун дар «ал-Муқаддима», Муҳаммад Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук», Низомулмулк дар «Сиёсатнома», Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома», Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» назари хешро роҷеъ ба сиёсати давлатӣ иброз дошта, тарзи дурусти корбасти онро пешниҳод кардаанд.

Атомалики Ҷувайнӣ усули идоракуниро ба доимӣ ва тағйирёбанда тасниф менамояд, ки усули аввал доимӣ буда, наметавонад тағйир ёбад. Усули дуюм хислати тағйирёбандаро дошта, мумкин аст аз ҷониби фақеҳон ба шароити нави сиёсӣ мутобиқ карда шавад[3].

Қобили зикр аст, ки паҳлуҳои мухталифи раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар маҳалро як қатор муҳаққиқони муосир, ба мисли А.Маҳмадов[4], З.Қодиров[5], К.Каримзода[6], Б.Ализода[7], А.С.Ниёзов, У.С.Норов,

[3] Сотиволдиев Р. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С.180.

[4] Муҳаммад А.Н., Анварзода С.А. Такмили сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018 – №2. –С. 133-140.; Махмадов А.Н., Хопёрская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ). – Душанбе, 2016; Маҳмадов А. Муқаддимаи идеяи миллӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 177 с.; Муҳаммад А. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. – Душанбе, 2016. – 377 с.; Маҳмадов А. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2010; Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. – Душанбе, 2009. – 92 с.

А.М.Алиев[8], И.Пирназаров[9], Н.П.Норматова, С.А.Анварзода[10], В.П.Ляхов[11] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо дар таҳқиқоти илмии худ бештар ба масоили марбут ба давраи гузариш дар ҷомеа, ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ изҳори назар намудаанд.

Инчунин баъзе паҳлуҳои ин мавзӯъ дар таҳқиқоти Б.С.Аминҷонов[12], К.Т.Мухторов[13], М.Мавлонов, А.Якубов[14], М.Аминов[15], А.Сайфиддинов[16], Д.Муллоев[17], В.Темиров[18], Ғ.Саидов[19], Б.Раззоқов[20], Л.Э.Губайдуллина[21],

---

[5] Кодиров З.К. Формирование местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан: автореф. дисс. … канд. философ. наук. – Душанбе, 2016. – 23 с.

[6] Каримзода К. Худидоракунии маҳаллӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018 – №5. – С.260 - 268.

[7] Ализода Б.П. Таҳия ва амалисозии барномаҳои рушди маҳаллӣ – омили муҳими танзими давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2016. – С.60-66.

[8] Ниёзов А.С., Норов У.С., Алиев А.М. О взаимоотношении государственного управления и местного самоуправления в Республике Таджикистан (опыт сравнительного анализа) // Вестник Института повышения квалификации государственных сужащих Республики Таджикистан. – 2008. – №1. – С.22-29.

[9] Пирназаров И.А. Становление государственной службы как политико-социального института (на примере Таджикистана): дисс. … канд. полит. наук. – Душанбе, 2006. – 159 с.

[10] Норматова Н.П., Анварзода С.А. Ҷанбаҳои гендерӣ дар барномаҳои рушди маҳал. Ҳисоботи таҳлилӣ. – Қӯрғонтеппа, 2015. – 72 с.

[11] Ляхов В.П. Государственная политика по формированию местных сообществ и местного самоуправления в современных условиях России: политический анализ: автореф. дисс. … канд. полит. наук. – Ростов-на-Дону, 2009. – 36 с.

[12] Аминджанов Б.С. Становление и развитие ораганов местного самоуправления в Республике Таджикистан: дисс. … канд. юрид. наук. –М., 2009. – 180 с.

[13] Мухторов К.Т. Компетенция органов самоуправления посёлков и сёл в Республике Таджикистан. – Худжанд: Изд-во «Андеша», 2011. – 244 с.

[14] Мавлонов М., Якубов А. Местные органы власти и местное самоуправление: состояние и перспективы. – Худжанд, 2004. – 182 с.

[15] Аминов М.М., Собирзода И.С. Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ. – Душанбе, 2016. – 615 с.

[16] Сайфиддинов А.А. Асосҳои ҳуқуқии худидораи маҳаллӣ. Барои раисони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. –Душанбе, 2008. – 220 с.

[17] Муллоев Д. Назарияи идораи давлатӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 255 с.; Муллоев Д. Государственное управление в условиях глобализации // Актуальные вопросы государственного управления и государственной службы (Материалы 1-ой Душанбинской международной научно-практической конференции). – Душанбе, 2010. – С. 139-149.

Л.Т.Чихладзе[22], А.Скиперских[23] ғайримустақим мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Онҳо тавонистанд, ки оид ба сиёсати давлатӣ дар маҳал баҳои тахассусӣ дода, роҷеъ ба вазъи кунунии он хулосабарорӣ намоянд.

Объекти таҳқиқоти илмиро хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал бо назардошти вазъи кунунӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои таърихӣ, яъне тоинқилобӣ, шӯравӣ ва замони муосирро дар бар мегирад.

Предмети таҳқиқоти илмиро омилҳое ташкил медиҳанд, ки ба раванди ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал таъсири амиқ расонида метавонанд. Дар ин самт таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамон омилҳое дода шудааст, ки онҳо ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ дошта, метавонанд дар ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ таъсир расонанд.

Ҳадафи таҳқиқоти илмиро омӯзиши заминаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар маҳал ташкил медиҳад, ки он дар ду сатҳи асосӣ - назариявӣ ва амалӣ бо назардошти таҳдидҳои замони муосир гузаронида шудааст. Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ бо назардошти амалияи воқеии сиёсати маҳаллӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ ташаккул ёфта, дар

---

[18] Темиров В.Т. Некоторые правовые проблемы организации и деятельности Маджлиса народных депутатов // Сборник докладов. – Душанбе, 2015. – С 7-18; Темиров В. Т., Фирдавсова Г.Р. О некоторых вопросах компетенции Маджилиса народных депутатов// Актуальные вопросы юриспруденции. Сборник докладов. – Душанбе, 2018. – С 700-709.

[19] Саидов Ғ. Асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 191 с.

[20] Раззоков Б.Х. Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков. – Душанбе: Ирфон, 2011; Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - сарвари ҳокимияти иҷроия. – Душанбе: Ирфон, 2010.; Раззоқов Б.Ҳ. Таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон: аҳамият ва сабақҳо барои рушди давлатдорӣ // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳомии Конститутсия ва қонунҳо (Маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба ифтихори 20-солагии таъсиси ниҳоди президентӣ дар кишвар). – Душанбе, 2010. – С.17-30.

[21] Губайдуллина Л.Э. Региональная государственная власть и местное самоуправление: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … канд. юрид. наук. – Казань, 2006.–26 с.

[22] Чихладзе Л.Т. Местное самоуправление и местное управление в государствах-участниках Содружества Независимых Государств: теория, практика и тенденции развития: автореф. дисс.… д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 42 с.

[23] Скиперских А.В. Власть и сопротивление в политическом процессе // Теории и проблемы политических исследований. – М., 2014. – №5. – С.14-25.

доираи он татбиқ гардидааст. Бинобар ин, ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда тавассути ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

а) таҳлили заминаҳои назариявӣ ва таърихии хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал;

б) муайян кардани усулҳои самараноки амалишавии сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал ва илман асоснок намудани онҳо дар асоси муқоисаи назариявӣ, таърихӣ ва сиёсии замони Шӯравӣ ва муосир;

в) ошкор ва асоснок намудани омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал дар шароити ҷаҳонишавӣ;

г) муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал ва пайдо кардани роҳҳои амалисозии самараноки он бо назардошти ҷалб намудани доираи васеи шаҳрвандон дар маҳалҳои дахлдор;

д) таҳлили фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нақши онҳо ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал ва дар ҳамин асос муайян намудани шаклҳои нави ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

е) таҳлили таҷрибаи байналмилалии равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ.

Асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқоти илмӣ. Дар гузаронидани таҳлили хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал аз усулҳои таҳлили назариявӣ - таърихӣ, фалсафӣ - сиёсӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

Истифодаи ин усулҳо имкон доданд, ки мавзӯи пажӯҳиш бо назардошти таҷрибаи таърихӣ ва муосир мавриди омӯзиш қарор гирифта, равишҳои комилан эътирофшудае муайян карда шаванд, ки дар шароити муосир барои истифода дар мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

Мутобиқ ба ин дар раванди таҳлили мавзӯи таҳқиқоти илмӣ нисбат ба ҷанбаҳои гуногуни сиёсати маҳаллӣ муносибати бонизом коргирӣ шуда, равандҳои сиёсӣ дар алоқамандӣ бо омилҳои таъсиррасон ба мавзӯъ фаро гирифта шуданд. Бо ин мақсад сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла умумисоҳавӣ, соҳавӣ ва махсус ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Навгонии таҳқиқоти илмӣ дар бандҳои зерин ифода мегарданд:

- Омилҳои самараноксозии банақшагирии барномаҳои мақсадноки давлатӣ[24] муайян карда шуданд. Ҳарчанд асоси сиёсати идоракунии маҳаллӣ мушкилоти дар ин самт мавҷударо дуруст муайян намудааст, имкон дорад, ки пас аз анҷоми муҳлати амали барномаҳои мақсаднок ин мушкилот дар баъзе ҳолатҳо ҳал нагардад.

- Барои татбиқи самаранок ва рушди равандҳои сиёсати идоракунии маҳаллӣ ба асосҳои ҳуқуқии сиёсати идоракунии маҳаллӣ ҷанбаҳои хусусияти ояндабинидошта пешниҳод карда шудааст. Дар ин сурат, сиёсати идоракунии маҳаллӣ нисбат ба тағйироти оянда саривақт мутобиқатии худро ба ин раванд таъмин менамояд.

- Низоми нави ташаккули алоқамандии асосҳои ҳуқуқии сиёсати идоракунии маҳаллӣ дар ҳамбастагӣ бо сиёсати идоракунии давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Дар ин сурат, аз як тараф ҷанбаҳои меъёрии ҳуқуқӣ такрор намеёбанд ва аз ҷониби дигар пайдарпайии низоми идоракуниро эҷод менамояд, ки албатта ин хусусият кафолати самаранокии муътадил ва мунтазами сиёсати идоракунӣ ба шумор меравад.

- Дар асосҳои ҳуқуқии сиёсати идоракунии маҳаллӣ заминаҳои ҳуқуқии рахнашавии «хатти сурх» мушаххас муайян карда шудааст. Имконияти идоракунии давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ дар доираи ин «хати сурх» маҳдуд гардида, ҳолатҳои рахнашавии он дар мавридҳои алоҳида ҷоиз дониста мешавад. Лекин, барои роҳ надодан ба рахнашавии беасоси «хатти сурх» бояд, ки шарҳи васеъ маънидод шудани онҳо бартараф карда шавад.

- Низоми моҳирона истифода намудани ҷаҳонишавии муносибатҳо ва мутобиқ гардонидани равандҳои алоқаманд ба сиёсати идоракунии маҳаллӣ бо назардошти меъёрҳое, ки дурустии онҳо исбот гардидааст, пешниҳод карда шудааст.

- Консепсияи ҷавобгарии сиёсии субъектҳои муносибатҳои идоракунии маҳаллӣ пешниҳод гардидааст. Дар шароити муосири ташаккули муносибатҳои идоракунии маҳаллӣ ҷавобгарии ҳуқуқии субъектҳои он дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии сершумор ба пуррагӣ мавриди танзим

[24] Консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва ғ.

қарор дода шудааст. Ҷавобгарии сиёсии онҳо бошад дар нақши дуюмдараҷа қарор дошта, нисбат ба он таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда намешавад.

- Раванди самараноки таҳияи асосҳои сиёсати идоракунии маҳаллӣ муайян карда шуданд. Дар амалия асосҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати идоракунии маҳаллӣ ба таври афзалиятнок дар сатҳи мақомоти марказӣ таҳия шуда, татбиқи минбаъдаи он ба зиммаи мақомоти маҳаллӣ вогузор карда мешавад. Мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аксаран санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳам шабеҳро қабул карда, дар доираи ҳамин гуна меъёрҳои ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд.

- Ҳудуди самти фаъолияти мақомоти ҳамоҳангсози ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ мушаххас муайян карда шудаанд. Таҳлили фаъолияти субъектҳои ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ собит менамояд, ки на ҳама вақт фаъолияти мақомоти ҳамоҳангсози ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ дуруст дарк карда мешаванд. Дар натиҷа воридгардии субъектҳои ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ ба ҳудуди салоҳияти мақомоти татбиққунандаи сиёсати идоракунии маҳаллӣ мушоҳида шуда, дар ин раванд баъзе мушкилиҳо ба назар мерасанд.

Ба ҳимоя бандҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) Сиёсати идоракунии маҳаллӣ, агарчи ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, бо он тавъам нест. Маҳал хусусияти ягонаи иқлимӣ, ҷуғрофӣ, анъанавӣ ва ғ. надошта, аз нигоҳи пешрафт, рушд ва муносибатҳои анъанавӣ фарқ мекунад. Чунин хусусият сиёсати давлатиро дар навбати худ водор менамояд, ки ҳангоми ташаккули сиёсати маҳаллӣ онҳоро дар мадди аввал қарор дода, аз он маншаъ гирад. Дар ин раванд хусусиятҳои хос ва объективии рушди маҳал бояд ба инобат гирифта шаванд.

2) Сиёсати самараноки идоракунии маҳаллӣ дар сурате метавонад татбиқ гардад, ки агар иродаи мушаххаси сиёсӣ ва рушди муносибатҳои алоқаманд ба идоракунии маҳаллӣ ба сарчашмаи ягонаи умумӣ вобаста карда шаванд. Бинобар ин, дар шароити муосири ислоҳоти идоракунии давлатӣ зарурат ба миён омадааст, ки низоми ягонаи сиёсии ислоҳоти идоракунӣ таҳия шуда, дар он комилан манфиатҳои миллӣ бо назардошти талаботи

воқеии минтақаҳо ва афзалиятнокии болоравии сифатии сиёсати маҳаллӣ ва хизматрасониҳои онҳо инъикос карда шаванд.

3) Дар мустаҳкам гардонидани натиҷаи ислоҳоти сиёсии идоракунии маҳаллӣ асосҳои ҳуқуқӣ маҳаки муҳим ба шумор рафта, ҷаҳиши раванди муносибатҳоро ба талаботи пешниҳодшаванда таъмин менамоянд. Дар робита ба ин, ҳолати мазкур аз асосҳои ҳуқуқии сиёсати идоракунии маҳаллӣ тақозо менамояд, ки аз муносибатҳои амалкунанда як қадам пеш бошанд. Бо назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки асосҳои ҳуқуқии сиёсати идоракунии маҳаллӣ такмил дода шуда, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба паҳлуҳои сиёсии масъала зоҳир карда шавад.

4) Мушаххасот асоси пешрафтро ташкил дода, истифодаи ҳама гуна номуайянӣ ё ба таври васеъ маънидод карда шудани қарорҳои давлатӣ - ҳуқуқиро истисно менамояд. Аҳамияти омили мазкур дар раванди фаъолияти иштирокчиёни сиёсати идоракунии маҳаллӣ бағоят назаррас буда, сарҳади салоҳияти онҳоро дар муносибати байниҳамдигарӣ мушаххас менамояд. Дар асоси таҳлили амалия ва назарияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мавҷудияти ин омилро эътироф кардан мушкилиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Асоси заминавии фаъолият ва муносибати байниҳамдигарии онҳоро аксар вақт муқаррароте пешбинӣ менамояд, ки маънидодшавии васеи онҳоро истисно намекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки сарҳади салоҳияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мушаххас муайян карда шавад.

5) Бештар ба сиёсати идоракунии маҳаллӣ ворид гардидани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси дастгирӣ буда, такмили муносибатҳоро замина мегузорад. Амалияи сиёсати идоракунии маҳаллӣ ва муносибати он бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ собит менамояд, ки иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди идоракунии маҳаллӣ фаъол набуда, муносибати байниҳамдигарии онҳо такмилро тақозо менамояд. Фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба маҳал бештар дар сатҳи ҷумҳурӣ чашмрас мебошад. Зарур аст, ки барои комил гардонидани фазои холӣ ва ҷиҳати

фаъол намудани ташаббуси сиёсии сокинони маҳал падидаи «петитсия»[25] ҷорӣ карда шавад.

6) Даврaҳои муайяни таърихӣ собит сохтаанд, ки марказонидашавии идоракунии давлатӣ дар марҳилаи аввал ба мақсад мувофиқ буда, барои ба мачрои дахлдор ворид намудани он замина мегузорад. Ташаккул ва рушди идоракунӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳои марказонидашуда ба таври зинавӣ ба муносибатҳои ғайримарказонидашуда табодул карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки идоракунии маҳаллӣ ба сифати маҳаки сиёсати давлатӣ мувоҷеҳи ислоҳоти маъмурӣ гардонида шавад.

Аҳамияти илмӣ - амалии таҳқиқот. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ метавонад дар рушди минбаъдаи андешаҳо ва консепсияҳои марбут ба масъалаҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал истифода шаванд.

Маводи таҳқиқоти илмӣ мумкин аст, ки барои хондани маърӯзаҳо ва курсҳои махсуси донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо аз рӯйи ихтисосҳои: «сиёсатшиносӣ», «идоракунии давлатӣ», «идоракунии маҳаллӣ» ва «фалсафаи иҷтимоӣ» истифода гарданд.

Андешаҳо ва тавсияҳои алоҳидаи дар таҳқиқот иброзгардида оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ, инчунин дар таҳияи консепсияву барномаҳо ва стратегияҳо оид ба ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ метавон мавриди корбурд қарор дод.

Апробатсияи таҳқиқоти илмӣ. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ - назариявӣ ва илмӣ - амалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳои сатҳи гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд ва нашр шудаанд. Аз ҷумла дар мавзӯъҳои «Мафҳум ва моҳияти сиёсати давлатӣ» (Конференсияи III-юми Душанбегии байналмилалии илмию-амалӣ дар шаҳри Душанбе, 2011. – С.79-83), «Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ» (Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Танзими давлатии иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», шаҳри Душанбе, 2016). – С.141-151), семинари илмию амалии «Худидоракунии

[25] Шакли ифодаи афкори ҷамъиятӣ.

маҳаллӣ дар Олмон ва асосҳои иқтисодии худидоракунии маҳаллӣ» (Душанбе, 2012), мизи мудаввар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои гендерӣ дар барномаҳои рушди маҳал» дар мисоли ноҳияҳои Фархор ва Лахш (Ҷиргатол), шаҳри Душанбе, 2015. ва ғ. Натиҷаҳои илмию таълимии диссертатсия дар раванди курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат буда, 163 саҳ. чопиро дар бар мегирад.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Боби якуми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои назариявӣ - таърихии ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал»** – ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва таърихии ташаккули сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал бахшида шуда, дар он масъалаи мазкур бо назардошти вазъи кунунӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур – **«Сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал: ҷанбаҳои назариявӣ ва таърихӣ»** – пайвастагии ҷанбаҳои назарияи сиёсӣ ва амалияи сиёсӣ бо назардошти паҳлуҳои таърихии ташаккули сиёсати маҳаллӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, бештар даврaҳои аморати Бухоро ва замони Шӯравӣ ба инобат гирифта шудааст. Низоми идоракунии даврaҳои аморати Бухоро аз ҷумла, фаъолияти қозикалон - масъули амалисозии адолати судӣ, қушбегӣ - масъул дар соҳаҳои андоз, молия, амният, ҳарбӣ, таъмини фаъолияти дарбор, бекҳо - ҳокимони вилоятҳо ва дар зинаи поёнтар аз бекҳо, ки оқсақолон амал мекарданд, махсус зикр гардидааст. Ҳамзамон тартиби таъмини хазинаи амир, ки дар бисёр ҳолат аз тарафи бекҳо ба низом дароварда мешуд, инъикос гардидааст.

Изҳор карда мешавад, ки хусусиятҳои миллии идоракунии маҳаллӣ дар ин даврaҳо сарфи назар гардида, сиёсати маҳаллӣ мутобиқ ба тобишҳои инқилобӣ ҷараён гирифтааст. Дар натиҷа ба идоракунии маҳаллӣ ворид шудани падидаҳои сиёсии дар он замон пешрафта ғайриимкон гардиданд. Ҳамин тавр

идоракунии маҳаллӣ бо таъсис ёфтани Тоҷикистони Шӯравӣ ба диктатураи пролетариат ва демократияи марказгароӣ мубаддал гардидааст. Тартиби мазкур то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ нигоҳ дошта шудааст.

Зербоби дуюми ин боб – **«Ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал дар замони истиқлолияти давлатӣ»** – ба омӯзишу баррасии заминаҳои асосии рушди сиёсати давлатӣ дар маҳал бахшида шуда, дар он масъалаи мазкур дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин масъала маълум карда мешавад, ки сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал бо равандҳои сиёсии нав - таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, демократияи бевосита ва намояндагӣ, усули демократии идоракунии давлатӣ, мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии бевосита аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсисёбанда ва м.и. мукаммал гардид.

Ҷиҳати муҳими ташаккули сиёсати давлатӣ дар маҳал дар замони истиқлолияти давлатӣ он аст, ки бо қабул гардидани Қонун «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 ворисият дар ҳокимияти давлатӣ нигоҳ дошта шуд. Ин имкон дод, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994), аз як марҳила ба марҳилаи дигар ташаккул ёбад. Гузариш аз як низоми идоракунии давлатӣ ба низоми нави идоракунии давлатӣ ба таври муътадил ҷараён гирифта, ба нокомӣ дучор гардидани он пешгирӣ карда шуд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Таҳлили самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал»** – ба омӯзиши амалияи сиёсати маҳаллӣ бахшида шуда, дар он масъалаи мазкур дар заминаи таҳлили муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Инчунин дар боби мазкур равандҳои нави сиёсии идоракунии давлатӣ бо назардошти анъанаҳои миллии идоракунӣ баррасӣ гардида, барои истифода дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ тавсия дода шудааст.

Зербоби якуми ин боб – **«Масъалаҳои татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар сатҳи маҳал»** – ба омӯзиши хусусиятҳои муҳими татбиқи сиёсати маҳаллӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши ин раванд муайян карда мешавад, ки усули ягонаи интихоби идоракунии самаранок ҷой надорад.

Субъектҳои манфиатдор усулҳои идоракунии самаранокро бо назардошти омилҳои гуногуни таъсиррасон мустақилона интихоб менамоянд.

Муайян намудани самтҳои асосии сиёсати маҳаллӣ ба инобат гирифтани омилҳои таъсиррасон ба сиёсати маҳаллӣ яке аз усулҳои самараноки татбиқи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар татбиқи сиёсати самараноки маҳаллӣ додани афзалият ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо далелҳои зерин асоснок карда мешавад:

а) мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳалӣ дар саргаҳи мушкилоти сиёсати маҳаллӣ қарор дошта, бо он ва бо аҳолӣ бевосита сару кор мегиранд.

б) хусусиятҳои минтақа, ки дар ниҳояти кор мазмун ва моҳияти сиёсати татбиқшавандаи маҳалро муайян менамояд, бештар ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ маълум буда, самаранок идора шудани чунин хусусиятҳо аксаран ба худи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муяссар мегардад.

в) субъектҳои маҳаллии татбиқи сиёсати маҳаллӣ ба аҳолии воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии дахлдор бештар наздик буда, имконияти васеи ба идоракунии маҳаллӣ ҷалб намудани аҳолии маҳали дахлдорро доранд. Ҷалби аҳолии маҳали дахлдор ба идоракунии маҳаллӣ бештар ҷиҳати мусбат дошта, метавонад сифати татбиқи сиёсати маҳаллиро ба сатҳи нав барорад.

Зербоби дуюми боби мазкур – **«Ислоҳоти сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал: мушкилот ва дурнамо»** – ба омӯзиши зарурият ва аҳамияти гузаронидани ислоҳоти сиёсати маҳаллӣ бахшида шуда, дар он хусусиятҳои ин раванд нишон дода шудааст. Дар раванди омӯзиши ин масъала муайян карда мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла раванди сиёсӣ дорои хислати тағйирёбанда буда, дар давраи муайяни рушд, бинобар ба миён омадани муносибатҳои нави сиёсӣ гузаронидани ислоҳотро талаб менамояд.

Муносибатҳои идоракунӣ дар маҳал ҷавҳари сиёсати давлатӣ арзёбӣ гардида, омили муайянкунандаи равандҳои амалишавии ҳокимият дар марказ ва маҳал мебошад. Ислоҳоти сиёсати идоракунӣ бо омилҳои зерин метавонад алоқамандӣ пайдо намояд:

- ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;

- мувофиқ будани салоҳияти мақомоти давлатӣ ба вазифаҳои иҷрошаванда. Ваколати муқарраршаванда бояд ба хислат ва доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ мувофиқ бошад;

- баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ. Самаранокии сиёсати давлатӣ аз сатҳ ва сифати ҳалли масъалаҳои ба уҳдаи мақомоти давлатӣ вогузоргардида вобастагии зич дорад. Таъсиси маркази ягона ва идоракунии ислоҳоти сиёсати давлатӣ оид ба маҳал самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро ба вуҷуд меорад.

Барои мукаммал гардонидани сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал ва андешидани тадбирҳои зерин, ки такмили самаранокӣ ва сифатнокии онро пайгирӣ мекунад, зарур шуморида мешавад:

1. Татбиқи воқеии ошкорбаёнӣ дар ҷараёни ислоҳоти сиёсати давлатӣ. Ошкорбаёнӣ яке аз талаботи идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ буда, ба он нигаронида шудааст, ки аҳолӣ аз самтҳои асосии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ воқиф гардида, дар мавриди зарурат, ҷиҳати такмил додани он пешниҳоди худро манзур намоянд.

2. Баргузории мониторинг ва робитаи мутақобила. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти сиёсати давлатӣ дар маҳал корҳои зиёд ба анҷом расонида шудааст, вале оид ба нишондиҳандаҳои сифатии мониторинг таҳлили мушаххас вуҷуд надорад. Аксаран аз рӯйи маълумоти расмӣ нишондиҳандаҳои шуморавии мониторинг муайян карда мешавад. Нишондиҳандаҳои шуморавӣ на ҳамеша ҳолати воқеии вазъиятро ифода менамоянд. Бо ин мақсад баргузории мониторинги ҷамъиятӣ ва барқарор намудани робитаи мутақобила роҳи самараноки ҳалли мушкилот мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки аҳолии маҳалро аз мазмун ва моҳияти аслии ислоҳот огоҳ намуда, барои амалисозӣ бо онҳо робитаи доимӣ барқарор карда шавад.

3. Таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Қисман ҷой надоштани механизми воқеии иҷрои талаботи қонунгузории Тоҷикистон, сӯиистифода гардидан аз ваколатҳои хизматӣ гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатдоро рӯйи кор оварданд, ки онҳо дар «ҳалли» мушкилоти ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи калидиро доранд. Бинобар ин, зарур аст, ки назорати прокурорӣ дар ин самт ба мафҳуми том ҷоннок гардида, сатҳ ва сифати таъмини адолати судӣ такмил дода шавад.

4. Дар сатҳи маҳал роҳандозӣ намудани ислоҳоти сиёсати давлатӣ. Ислоҳот асосан дар сатҳи ҷумҳурӣ гузаронида шуда, имконияти ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси маҳалро маҳдуд менамояд. Имконияти маҳалҳо яксон набуда, аз ҳам тафовути зиёд доранд. Бо ин мақсад зарур аст, ки дар мавриди таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба маҳал ҷузъиёти мушаххаси он ба инобат гирифта шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба он нигаронида шавад.

5. Баланд бардоштани масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар назди аҳолии маҳал ва ба фаъолияти он бештар ҷалб намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Ҳанӯз гуногунақидагӣ дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст ва талаботи мавҷударо қонеъ карда наметавонад.

6. Ташкили гурӯҳи эътимодноки ислоҳотгароён. Таҳлилгарон масоили мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омаданд, ки имрӯз моҳияти аслии ислоҳот ва баргузории он аз ҷониби субъектҳои ваколатдор ба таври бояду шояд ва дар мазмуни аслии он дарк ва татбиқ карда намешавад. Барои ин дар баргузории ислоҳот танҳо иродаи сиёсӣ кофӣ набуда, инчунин, зарур аст, ки дар сохтори ҳукумат гурӯҳи эътимодноки ислоҳотгароён ташкил карда шавад.

Зербоби сеюми боби мазкур – **«Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал»** – ба омӯзиши фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ бахшида шуда, дар он нақш ва мавқеи ниҳодҳои мазкур дар рушду такомули сиёсати маҳаллӣ нишон дода мешавад. Дар раванди омӯзиши ин масъала муайян карда мешавад, ки дар сурати барқарор будани ҷомеаи демократӣ ва устувории пояҳои он, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми сиёсӣ падидаи муҳим эътироф гардида, ба сифати омили муайянкунандаи волоияти арзишҳои демократӣ баромад мекунанд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо истифода аз ин, мавқеи иштироки худро дар ҳаёти сиёсӣ муайян карда, иштироки шаҳрвандонро дар идоракунии давлатӣ таъмин месозанд, ки ин мумкин аст дар шакли зерин ба амал бароварда шавад:

а) ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ (онҳо дар давраи аввали ташаккулёбӣ ба амалишавии ҳокимият ҷалб намегарданд);

б) воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ки ба манфиати ҷомеа хизмат намуда, афкори ҷомеаро муайян ва интишор менамоянд;

в) интихобот ва раъйпурсӣ, ки ба сифати воситаҳои ташаккулёбӣ ва ошкорнамоии афкори ҷомеа истифода мегарданд;

г) унсурҳои ҷамъиятие, ки аз низоми судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста мебошанд (машваратчиёни халқӣ, дастаи ихтиёрии дружиначиён ва ғ.).

Бо назардошти ин, хусусиятҳои зерини ҷомеаи шаҳрвандиро муайян кардан мумкин аст, ки мавқеи калидии ниҳодҳои онро дар такмили сиёсати маҳаллӣ муайян менамоянд:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ амалишавии ақидаҳо оид ба масъулияти байниҳамдигарӣ ва ҳамкории баробарҳуқуқи давлат ва ташкилоти ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳо мебошад;

- дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаёти оммавӣ ва хусусӣ мақоми мухторро доранд, ки дар баинобатгирии манфиатҳои ҳамдигарӣ зоҳир мегарданд;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ сохтори мустақили худидорашавандае мебошад, ки дар он афзалияти ҷудонашаванда ҳуқуқу озодиҳои шахсият ба шумор меравад;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеае мебошад, ки дар он имконияти худидоракунӣ дар тамоми намуд ва шакл ба таври доимӣ васеъ мегардад, ки барои иштироки одамон дар корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ имконияти мусоидро фароҳам меорад;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатҳои ба таври доимӣ мувофиқашудаи ҳамаи иштирокчиёни раванди таърихӣ, қувваҳои асосии он ва ноилгардӣ ба таҳаммулпазириро ба инобат мегирад;

- ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷамъияте мебошад, ки дар рушди иҷтимоиёт иштирок намуда, барои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ташаккул ва рушди сиёсати маҳаллӣ ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

а) дар асоси умумияти манфиатҳо ва эътирофи ҳадафҳои матраҳгардида, ҳарчи бештар ба идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҷалб гардидани шаҳрвандон. Масалан, дар асоси таъсис ва ташкили фаъолияти мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ - кумита ва шӯроҳои маҳаллӣ муттаҳид гардидани шаҳрвандон ва идора гардидани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта аз ҷониби худи онҳо.

б) фароҳам овардани замина барои ташаккули гуногунандешӣ дар сатҳи маҳал. Ҷалби бештари ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама гуна сатҳ фаъолнокии онро таъмин карда, рақобатпазир гардидани муносибатҳои сиёсиро дар такя ба гуногунандешӣ асос мегузорад. Чунончи, дар интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии кишварҳои рушдёфта, барои ҳар як интихобкунанда ҷиддан мубориза бурдани ҳизбҳои сиёсӣ далели он аст, ки шакли муносибатҳои сиёсӣ ба худ таваҷҷуҳи субъектҳои муносибатҳои сиёсиро ҷалб карда, барои ба муборизаи сиёсӣ ворид гардидани онҳоро дар сатҳи маҳал асос мегузорад.

в) ҷалби шахсони соҳибтаҷриба. Дар шароити муосири ташаккули муносибатҳои сиёсӣ ниҳодҳое рӯйи кор омаданд, ки онҳо фаъолияти сиёсии шаҳрвандонро тақвият дода, бо малакаи муайяни сиёсӣ вориди сиёсат гардидани онҳоро асос мегузоранд. Чунончи, ташкилоти ҷамъиятии «Созандагони Ватан» дар асоси муттаҳид кардани ҷавонони Тоҷикистон фаъолияти худро ба он нигаронидааст, ки савияи касбии онҳо тақвият дода шуда, воридшавии ҷавонон ба майдони сиёсат дар мавриде таъмин карда шавад, ки онҳо аз нигоҳи сиёсӣ зинаҳои муайянеро дар муносибатҳои идоракунӣ тай намуда, савияи касбии худро ба дараҷаи муайян расониданд. Ин имкон медиҳад, ки ба идоракунии давлатӣ шахсоне ворид гарданд, ки бо таҷрибаи кофии муайян ба ин муносибатҳо пайваст шаванд.

Зербоби чоруми боби мазкур – **«Такмили сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал»** – ба омӯзиши роҳу воситаҳои ташаккулдиҳии сиёсати маҳаллӣ ва хубтару беҳтар намудани самаранокии сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал бахшида шудааст. Дар заминаи омӯзиши ин масъала қайд мегардад, ки дар мавриди муайян кардани зарурати такмили низоми идоракунии давлатӣ ва сифати хизматрасонии давлатӣ, омилҳои зерин метавонанд нақши калидӣ дошта бошанд: масъулиятнокӣ барои иҷрои кор; салоҳиятнокӣ ва касбият; зоҳир гардидани таваҷҷуҳ ба манфиатҳои идоравӣ; ташаббуснокӣ ва зоҳир гардидани он; кӯшиш ба навоварӣ ва муносибати навоварона ба кор; қобилияти ба назар гирифтани манфиати аҳолӣ.

Бо назардошти ин пешниҳод карда мешавад, ки низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла низоми идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла стандартҳои Ташкилоти

байналмилалӣ оид ба стандартонӣ (ISO) мутобиқ карда шаванд. Ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла низоми идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷиҳатҳои мусбати зеринро пайгирӣ карда метавонанд:

- ба низоми идоракунӣ падидаҳои навтарин, ки мувофиқатро ба стандартҳои ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ворид гардида, бо назардошти манфиати истифодабарандаи хизматрасониҳои давлатӣ коркард ва тавсия мегардад;

- дар ҳар як панҷ сол стандартҳои амалкунандаи идоракунии давлатӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ таҷдиди назар гардида, бо назардошти муносибатҳои нави ҷамъиятии пайдогардида ба тақозои замон такмил дода мешаванд;

- амалияи сиёсати маҳаллӣ дар шакли низоми идоракунии давлатӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ ба сатҳи байналмилалӣ баромада, бо назардошти мутобиқатии онҳо ба стандартҳои байналмилаӣ татбиқ карда мешавад.

Дар асоси таҳлилҳо пешниҳод карда мешавад, ки гузариши низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон ва хизматрасониҳои давлатӣ ба стандартҳои байналмилалии ISO силсилаи 9001 ва ISO 37001 зарур буда, қонеъшавии сифатноки талаботи истифодабарандагони хизматрасониҳои давлатиро дар асоси пешгирӣ гардидани омилҳои коррупсионӣ замина мегузорад.

Дар **хулоса** муҳтавои кори илмӣ натиҷагирӣ шуда, пешниҳодоту тавсияҳо ҷиҳати такмили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал манзур гаштааст.

ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:

1. Гадоев С.А. Идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ: мафҳум, моҳият ва таносуби онҳо//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2011. – №3(67), – С.208-211. ISSN2074-1847.

2. Гадоев С.А. Ҳамкории ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2012. –№1 (44), – С.70-78. ISSN2219-5408.

3. Гадоев С.А. Идоракунии самараноки давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2012. –№3/8(101), – С.135-140. ISSN2074-1847.

4. Анварзода С.А. Татбиқи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал ва дурнамои рушди он//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/3,– С. 280-286. ISSN2413-5151.

5. Анварзода С.А. Суннатҳои таърихии идоракунии маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX//Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2017. – №4 (59), – С.180-194. ISSN2075-9584.

6. Муҳаммад А.Н., Анварзода С.А. Такмили сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2018. –№2. – С.133-140. ISSN 0235-005X.

7. Анварзода С.А. Баъзе масъалаҳои ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №5, – С. 268-272. ISSN2413-5151.

Шарҳи мухтасар (аннотатсия)

Ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал дар марҳилаи кунунии сохтмони давлати ҳуқуқбунёд яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳамияти амиқи сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ идоракунии давлатӣ дар ҷумҳурӣ моҳияти худро комилан дигаргун намуда, дар низоми равандҳои сиёсӣ бо ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ иртибот пайдо карда аст. Дар баробари ин, гуногунандешии сиёсӣ такмил ёфта, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар шохаҳои гуногуни идораи давлатӣ, бахусус дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ фаъолона афзуда аст. Дар ин робита, падидаҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки худ як омили тақвият додани демократия ба шумор мераванд, ба раванди идоракунии маҳаллӣ ворид гардида, сифати онро ба сатҳи нав боло бардоштанд.

Дар шароити муносибатҳои муосир, тадриҷан такомул ёфтани стандартҳои кору хизматрасонӣ, зарурати таъмини сифатнокӣ ва маҳсулнокии кору хизматрасонӣ, алахусус шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ тақозо карда мешавад. Мутобиқ ба ин, таваҷҷуҳи субъектҳои қабулкунандаи ниҳоии кору хизматрасонӣ ба стандартҳои кору хизматрасонӣ афзуда, муносибати минбаъдаи онҳо торафт қавӣ, муназзам ва муҳим мегардад. Ин зарурати омодасозии заминаҳои ҳуқуқӣ, баъдан таҳияи феҳрист ва стандартҳои хизматрасониҳои давлатиро тақозо менамояд.

Ҷорисозии феҳрист ва стандартҳои хизматрасониҳои давлатӣ дар радифи ҳукумати электронӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба коҳиши муҳлати баррасии мурочиати шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ пешгирии омилҳои номатлуб дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, ба монанди бюрократия ва коррупсия мусоидати воқеӣ намояд. Чунин шакли хизматрасониҳои давлатӣ тазоду монеаҳои маъмуриро бартараф карда, ба баланд бардоштани сифати идоракунии маҳалӣ ва дар анҷом, бо баланд бардоштани самаранокии он омили ҳалкунанда гардад.

Аннотация

Одним из важных вопросов, имеющих политическое значение на нынешнем этапе построения правового государства, является формирование и реализация государственной политики в Республике Таджикистан на местном уровне. В период Государственной независимости сущность государственного управления в республике изменилось коренным образом, так же как и его участие в политических процессах во взаимосвязи с различными институтами гражданского общества в стране. Вместе с тем, это дало начало развитию политического плюрализма и усиления роли политических партий в различных ветвях управления государством, особенно в представительских органах государственной власти. В этой связи, инициативы объединения гражданского общества, являющиеся одним из факторов укрепления демократии, влились в процесс местного управления, положительно изменив его качество.

В условиях современных взаимоотношений имеет особое значение поэтапное совершенствование стандартов оказания работ и услуг, необходимость обеспечения качества и производительности работ и услуг, особенно обеспечение прозрачности оказываемых государственных услуг. В соответствии с этим возрастает интерес субъектов получателей работ и услуг к стандартам оказываемых работ и услуг, регулярно укрепляя и расширяя их интерес, что является весьма важным для последующих отношений. Это определяет необходимость подготовки правовых основ и последующей разработки реестра стандартов оказания государственных услуг.

Внедрение перечня и стандартов государственных услуг в рамках электронного правительства Республики Таджикистан может способствовать сокращению сроков рассмотрения обращений граждан в государственные органы и предотвратить проявление таких негативных факторов как бюрократия и коррупция в государственных органах. Данная форма оказания государственных услуг устраняет административные барьеры и препятствия, становясь решающим фактором повышения качества местного управления и, в конечном результате, способствует его эффективности.

Annotation

One of the important issues of great political significance at the current stage of building a State based on the rule of law is the formation and implementation of state policy in the Republic of Tajikistan at the local level.

During the period of State Independence, the importance of public administration in the republic has completely changed, as well as its participation in political processes in conjunction with various institutions of civil society in Tajikistan. At the same time, this gave rise to the development of political pluralism and the role of political parties in various branches, especially in the representative bodies of the state power. In this regard, initiatives for consolidation of civil society, which are one of the factors of strengthening democracy, have joined the process of local government, positively changing its quality.

In contemporary relationships, it is particularly important to gradually improve the standards for the provision of work and services, the necessity of providing the quality and productivity of works and services, especially ensuring transparency of provided public services. In accordance with this, increase interest of the subjects of the recipients of works and services to the standards of the work and services being provided, regularly strengthening and expanding their interest, which is essential for the subsequent relations. This determines the need for the preparation of legal frameworks and the subsequent development of the register and standards for the provision of public services.

The introduction of the catalogue and standards of public services within the e-government of the Republic of Tajikistan can help state bodies reduce the time for consideration of citizens` applications and prevent such negative factors, as bureaucracy and corruption in the activities of state institutes. This form of public services eliminates administrative barriers and obstacles, becoming a decisive factor in improving the quality of local government and, ultimately, contributes to its effectiveness.